**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Улуғхоҷаева Х.Р. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16.03. 2024, суратмаҷлиси № 65 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳимияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро дар шароити имрӯза дар бар мегирад.

Барои ташаккули иқтидори молиявии субъектҳои иқтисодӣ шарти муҳими устуворгардонии буҷети давлатӣ дар заминаи танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ин муфидгардонии муносибатҳои андозӣ, мебошад. Таъмини танзими давлатии муносибатҳои андозӣ ба ташаккулёбии заминаҳои моддии муносибатҳои молиявӣ алоқаманд мебошад. Бо ин роҳ танзими фаъолияти бахшҳои воқеӣ таъмин гардида, бо дарназардошти баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, инчунин пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андозӣ ва иқтисоди ниҳонӣ шароити муҳим бароmад мекунанд ва дар алоқамандӣ бо маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии онҳо равона карда мешавад. Чорабиниҳои мазкур, аз

мавқеи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна имкониятҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо барои рушди устувори молия нигаронида шуда, аз фаъолияти пурсамари субъектҳои иқтисодии ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ асосёфта вобастагии зич доранд. Дар ин самт, тибқи асосҳои назария ва амалияи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, сарчашмаҳои молиявии давлатӣ ниҳоят лозим мебошанд. Дар баробари ин, афзудани гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ боиси паст шудани рушди иқтисодӣ мегардад.

Бинобар ин, татбиқи нуқтаҳои муҳими асосҳои назария ва амалияи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва ба назар гирифтани қонуниятҳои иқтисодии танзим имкониятеро ба амал меорад, ки мувозинати иқтисодӣ таъмин гардида, зеро он барои рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва устуворгардонии иқтидори андозӣ, дар робита ба равандҳоиислоҳоти иқтисодӣ, хеле муҳим бароmад карда аз актуалӣ будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории  Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қабулгардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи

ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 5,375 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла, 4,3 ҷузъи чопӣ аз муаллиф мебошад) ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият даровада шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ва бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Мирсаидов Аброр Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Инистути иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон:

- **Исматов Хушруз Ҳасанович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.

дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Суғд.

Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Султонов З.С.**
**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Қодирзода Д.Б.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ **Улуғхоҷаева Х.Р.**